## ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ Муқимов Муҳамадӣ Аминович ба диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Амороти Муттаҳидаи Араб» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ**

Қаландарзода С.Д. соли 1996 факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (шуъбаи арабӣ) ва соли 2010 факултети журналистикаи ДМТ (маълумоти дуюм)-ро хатм карда, солҳои 2005-2008, 2011-2016 ба ҳайси муовини декани факултети журналистика оид ба таълим адои вазифа намудааст. Аз моҳи ноябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи мудири кафедраи забонҳои хориҷии факултети журналистикаи ДМТ фаъолият дорад.

Мавзуи диссертатсияи доктории Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2010 бо қарори № 07 тасдиқ шудааст.

ВАО метавонад, дар ташкил ва рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи кишварҳои мухталиф замина ва шароит фароҳам орад. Таҷрибаи ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс собит месозад, ки дар раванди оммавигардонии муносибатҳои ин кишварҳо ВАО нақши муҳим дорад.

Маҳз тавассути иттилоърасонии ВАО, ифтитоҳи сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Арабии Миср, Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар, Кувайт, Амороти Муттаҳидаи Араб, сафарҳои расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлатҳои араб ва сафарҳои баъзе аз мақомоти баландпояи давлатҳои араб ба Тоҷикистон хусусияти оммавӣ пайдо карда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб намуд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи сиёсати хориҷии худ бо мамолики араб, чи дар асоси муносибатҳои дуҷониба ва чи дар заминаи ҳамкориҳои бисёрҷониба самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои дуҷонибаро муайян намудааст. Дар замони

соҳибистиқлолии кишвар муносибатҳо бо аксарияти кишварҳои араб, ба хусус, кишварҳои араби Халиҷи Форс рушд ва таҳким ёфтааст.

Аз таҳқиқ ва арзёбиҳои анҷомгирифта бармеояд, ки доир ба равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики араби Халиҷи Форс баъзе пажуҳишҳо чоп шуда бошанд ҳам, аммо то ҳол нақши ВАО дар инъикоси паҳлуҳои гуногуни фаъолият, зинаҳои ташаккулу таҳаввули муносибат ва ҳамкориҳои ин кишварҳо мавриди омӯзиши монографӣ қарор нагирифтааст.

Муҳиммияти мавзуи илмии диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)» мубрамияти пажуҳиши мазкурро тақвият додааст.

Муҳтавои диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр бо номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ комилан мувофиқат менамояд.

Аз таҳлил ва таҳқиқи адабиёти мутолиагардида ва таҳқиқоти анҷомгирифта метавон ба чунин натиҷа расид, ки доир ба мавзуи рисола то ҳанӯз пажуҳиши комил ва қобили таваҷҷуҳ анҷом наёфтааст. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқ масъалаи омӯзиши нақши ВАО-ро дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс бо таҳқиқи фарогиру амиқ ҳадафи таҳқиқ қарор додааст. Мақсади асосии пажуҳишро омӯзиш ва баррасии омилҳои муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, муайян намудани нақши васоити ахбори оммаи ин кишварҳо дар инъикоси раванди ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба бо назардошти мавқеъ ва муносибати расонаҳо, хусусиятҳои мавзуиву мундариҷавӣ ва шакливу жанрии матолиб ташкил медиҳад.

Диссертант ҳангоми пажуҳиш аз методҳои таърихӣ, тавсифӣ, муқоисавӣ, оморӣ ва таҳлили контентӣ истифода кардааст. Ҷолиб он аст, ки муаллиф дар диссертатсия маводи чопшударо дар агентиҳои иттилоотӣ доир ба мавзуи зери назар сол ба сол бо овардани омор муфассал нишон додааст.

Дар диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёр бори аввал нақши ВАО дар инъикоси муносибату ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс таҳқиқ шудааст.

Нуктаи дигар ин аст, ки мавқеи кишварҳои араб дар фазои геополитикии ҷаҳони муосир баррасӣ шуда, ҷанбаҳои таърихӣ ва вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс муайян гардидааст.

Дар диссертатсия муаллиф доир ба агентиҳои иттилоотии кишварҳои араб (ШАС, АМА, Қатар) маълумоти нав оварда, дараҷа ва таносуби инъикоси равобити дипломатӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиро дар заминаи ҳамин агентиҳо баррасӣ кардааст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия инъикоси ҳаводиси Тоҷикистон дар расонаҳои кишварҳои араби Халиҷи Форс ва бозтоби рӯйдодҳои ин кишварҳо дар ВАО-и Тоҷикистон ба таври муқоиса пажуҳиш шудааст.

Омӯзиш ва таҳқиқи маводи расонаҳои кишварҳо собит менамояд, ки тайи солҳои охир муносибат ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо кишварҳои араб (ШАС, АМА ва Қатар) дар сатҳи баланд қарор дошта, дар ҳоли рушд ва густариш аст. Робитаҳои сиёсии Тоҷикистон бо кишварҳои фавқуззикр, махсусан пас, аз ифтитоҳи сафоратҳо ва сафарҳои чандинкаратаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ин давлатҳо, вусъат ва таҳким ёфта, муносибатҳои дуҷониба ба марҳилаи сифатан нав ворид шудааст.

Дар маҷмуъ, таҷрибаи ВАО-и кишварҳои араби Халиҷи Форс ва Тоҷикистон дар инъикоси воқеоти кишварҳои якдигар, раванди ҳамкориҳои мутақобила, қобили мулоҳиза буда, диссертатсияи мазкур ибтидои пажуҳиши мушаххас дар ин самт мебошад ва ин таҷриба бояд мавриди таваҷҷуҳи донишмандон, унвонҷӯён ва алоқамандони соҳа қарор гирад. Таҳқиқоти анҷомёфта аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами соҳа буда, дурнамои мавзуи пажуҳиши диссертатсияро собит менамояд.

Аҳаммият ва арзиши илмию назарии таҳқиқоти Қаландарзода С. Д. дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (дар мисоли Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)», пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои илмии он метавонад ба сифати сарчашма барои унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони таърихи матбуоти даврии

ватаниву хориҷӣ, муносибатҳои дипломатӣ дар омӯзиш ва арзёбии омилҳои эҳёи робитаҳои Тоҷикистон бо кишварҳои араби Халиҷи Форс, вижагиҳои инъикоси раванди ҳамкориҳо дар ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои ШАС, АМА ва Қатар ба таври густурда истифода шавад.

Ҷанбаи татбиқ ва арзишу аҳаммияти амалии таҳқиқ, пеш аз ҳама, дар он аст, ки натиҷаҳои бадастомада метавонад барои омӯзиш ва таълими таърихи рӯзноманигории хориҷӣ, назарияю амалияи журналистика, нақди рӯзноманигорӣ, вижагиҳои агентиҳои иттилоотӣ, жанрҳои журналистика ва амсоли инҳо заминаи амалӣ ва таҷрибавиро фароҳам оварад.

Хулосаҳои бадастомада ва маводи дар рисола коркарду таҳқиқшуда метавонад барои таҳияи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, матни лексияҳо дар самти журналистикаи хориҷӣ, аз ҷумла рӯзноманигории кишварҳои Араб мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

Масъалаҳо ва консепсияҳои илмии дар диссертатсия барои дифоъ пешниҳодшаванда аз нигоҳи илмӣ муҳим ва арзишманд мебошанд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб ва 10 фасли мантиқан мураттабу пайдарҳам, хулоса, рӯйхати сарчашмаву адабиёти истифодашуда ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат аст ва андозаву мундариҷаи он ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй мебошад.

Таҳқиқи диссертатсионӣ дар доираи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраҳои забонҳои хориҷӣ ва журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Бояд зикр кард, ки унвонҷӯ мутахассиси забони арабӣ буда, солҳои зиёдест, ки аз ин фан ба донишҷӯёни факултети журналистикаи ДМТ дарс мегӯяд. Ҳамчунин ӯ хатмкардаи шуъбаи ғоибонаи факултети журналистика мебошад. Донистани забони арабӣ ва дониши соҳаи журналистика ба унвонҷӯ дар истифодаи сарчашмаҳои аслӣ барои пажуҳиш мусоидат кардаанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **1 монографияи илмӣ ва 28 мақолаи илмӣ таълиф намудааст, ки аз ин теъдод 21 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Монография ва мақолаҳои интишоршуда нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни

диссертатсияро инъикос намуда, барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ мувофиқ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо таъйид мекунанд.

Бо ҳамин тартиб, диссертатсияи Қаландарзода Сарабек Давлатёрро дар мавзуи «Нақши ВАО дар инъикоси равобити мутақобилаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва мамолики арабзабони Халиҷи Форс (Шоҳигарии Арабистони Саудӣ, Қатар ва Аморoти Муттаҳидаи Араб)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.23. Рӯзноманигории байналмилалӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи диссертатсияҳои илмӣ ҷавобгӯй буда, ҳамчун мушовири илмӣ онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва ҳимоя тавсия менамоям.

**МУШОВИРИ ИЛМӢ:**

доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи журналистикаи
байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муқимов М. А.

Нишонӣ: 734041, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, кӯчаи Б. Ғафуров - 46, ҳ. 12.
Тел:(+992) 93-501-72-32
E-mail: jovidm@mail.ru
«23» 02 соли 2026.

*«Имзои Муқимов М.А.-ро тасдиқ мекунам»*

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2217711, +992 935806444.
«24» 02 соли 2026.